## Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
## ҚАРОР
## Правительство Республики Таджикистан
## ПОСТАНОВЛЕНИЕ

аз 30 декабри соли 2023 № 591

**ш. Душанбе**

Дар бораи маъқул донистани Созишномаи генералӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2026

Мутобиқи моддаи 302 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Лоиҳаи Созишномаи генералӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2026 маъқул дониста шавад (замима мегардад).
2. Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз номи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба имзо расонидани Созишномаи генералӣ ваколатдор карда шавад.
3. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати иҷрои Созишномаи генералии мазкурро амалӣ намояд.
4. Ба Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия ва ба вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш дода шавад, ки ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои қабулгардида ва ҳифзи манфиатҳои иҷтимоию меҳнатии шаҳрвандон тадбирҳои зарурӣ андешида, аз ҷараёни иҷрои онҳо ҳар сол ба Комиссияи сетарафаи танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон

ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ

Эмомалӣ Раҳмон

## Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
## ҚАРОР
## Правительство Республики Таджикистан
## ПОСТАНОВЛЕНИЕ

от 30 декабря 2023 года № 591

**г. Душанбе**

Об одобрении Генерального соглашения между Правительством Республики Таджикистан, Федерацией независимых профсоюзов Таджикистана и Объединением работодателей Республики Таджикистан на 2024-2026 годы

В соответствии со статьей 302 Трудового кодекса Республики Таджикистан Правительство Республики Таджикистан постановляет:

1. Одобрить проект Генерального соглашения между Правительством Республики Таджикистан, Федерацией независимых профсоюзов Таджикистана и Объединением работодателей Республики Таджикистан на 2024-2026 годы (прилагается).
2. Уполномочить Премьер-министра Республики Таджикистан от имени Правительства Республики Таджикистан подписать Генеральное соглашение.
3. Министерству труда, миграции и занятости населения Республики Таджикистан в сотрудничестве с Федерацией независимых профсоюзов Таджикистана и Объединением работодателей Республики Таджикистан осуществлять контроль за исполнением настоящего Генерального соглашения.
4. Рекомендовать Федерации независимых профсоюзов Таджикистана, Объединению работодателей Республики Таджикистан и поручить министерствам и ведомствам Республики Таджикистан, местным исполнительным органам государственной власти принять необходимые меры по выполнению принятых обязательств и защите социально-трудовых интересов граждан и о ходе их выполнения ежегодно представлять информацию Трехсторонней комиссии по регулированию социально-трудовых отношений в Республике Таджикистан.

Председатель
Правительства Республики
Таджикистан

ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ

Эмомали Рахмон

Замима
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «30» декабри соли 2023, №591

Созишномаи генералӣ
байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2026

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Тарафҳо) Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомномаи Комиссияи сетарафаи танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби таҳия ва бастани созишномаҳои генералӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ба роҳбарӣ гирифта, бо мақсади риояи қатъии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, дарёфти ризоияти ҷамъиятӣ, суботи иҷтимоӣ, ҷалби теъдоди ҳарчи бештари аҳолии қобили меҳнат ба меҳнати арзанда, коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, афзоиши ҳиссаи шуғли расмӣ, таъмини стандартҳои ҳадди ақалли иҷтимоӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиати муҳоҷирони меҳнатӣ, баланд бардоштани кафолатҳои иҷтимоии шаҳрвандон, таъмини ҳифзи иҷтимоии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, зиёд кардани даромади кормандон вобаста ба муътадил гардидани вазъи иқтисодиёт, Созишномаи генералӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2026 (минбаъд - Созишномаи генералӣ)-ро ба имзо расониданд.

2. Дар музокирот Тарафҳо ҷиҳати амалӣ намудани вазифаҳо ва самтҳои зерин ба мувофиқа омаданд:

- шарикии иҷтимоӣ;
- сиёсати иқтисодӣ;
- музди меҳнат, даромадҳо ва сатҳи зиндагии аҳолӣ;
- рушди бозори меҳнат ва шуғли пурмаҳсул;



- ҳифзи иҷтимоӣ, кафолатҳо ва суғуртаи иҷтимоӣ;
- ҳифзи меҳнат, бехатарии саноат ва экологӣ;
- рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунармандӣ;
- муҳоҷирати меҳнатӣ.

3. Ҳамзамон Тарафҳо ба мувофиқа расиданд, ки ҷаласаҳои Комиссияи сетарафаи танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на камтар аз як маротиба дар ним сол гузаронида шуда, инчунин:

- пешниҳоди маълумот аз ҷараёни иҷрои ухдадориҳои қабулгардида ва ҳифзи манфиатҳои иҷтимоию меҳнатии шаҳрвандон мутобиқи нақшаи чорабиниҳо оид ба амалигардонии Созишномаи генералӣ ба Комиссияи сетарафаи танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин гардад;
- тавассути телевизион ва воситаҳои ахбори омма барномаҳои махсус (мизҳои мудаввар) оид ба самтҳои асосии Созишномаи генералӣ ва раванди амалигардонии он таҳия гардад;
- мониторинги рафти амалигардонии созишномаҳои соҳавӣ, минтақавӣ ва пешниҳод намудани маълумот барои баррасии ин натиҷаҳо дар ҷаласаҳои комиссияҳои сетарафа мунтазам гузаронида шавад;
- фаъолияти комиссияҳои сетарафа дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҷоннок карда шавад.

## 2. ШАРИКИИ ИҶТИМОӢ

4. Амалисозии принсипи мувофиқаи манфиатҳои кормандон, корфармоён, давлат ва тақсимоти масъулияти иҷтимоиро байни субъектҳои асосии иқтисодиёт барои таъмини зиндагии шоистаи аҳолии кишвар ҳамчун самти стратегии рушди шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, Тарафҳо зарур мешуморанд, ки ҳангоми қабули қарорҳо оид ба масъалаҳои асосии рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, имкониятҳои шарикии иҷтимоӣ дар соҳаи меҳнат пурра истифода ва танзими муносибатҳои меҳнатӣ таъмин карда шавад, инчунин иҷрои ухдадориҳои дар Созишномаи генералӣ пешбинишударо кафолат медиҳанд.

5. Тарафҳо эътироф мекунанд, ки ҳадафи асосии Созишнома ҳамоҳангсозии манфиатҳо ва имкониятҳои иҷтимоию иқтисодии тарафҳои муносибатҳои меҳнатӣ ва бо ин васила пешгирӣ намудани мунокишаҳои ҷиддии меҳнатӣ, баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ ва амнияти иҷтимоии коргарон тавассути баланд бардоштани самаранокии иқтисоди Тоҷикистон ва ҳавасмандгардонии талаботи дохилӣ мебошад.

6. Тарафҳо ухдадор мешаванд, ки ҷиҳати баланд бардоштани нақши комиссияҳои сетарафа тадбирҳоро амалӣ намуда, фаъолияти зеринро таъмин намоянд:

– лоиҳаҳои санадҳои қонунгузорӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар дар соҳаи меҳнат, инчунин ҳуҷҷатҳо ва маводди барои муҳокимаи онҳо зарурӣ пеш аз пешниҳод шудан ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба шарикони сеҷониба фиристода шаванд;

– Тарафҳо барои ноил гардидан ба он ки лоиҳаҳои қонунҳои марбут ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории меҳнат аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати мавҷуд будани мавқеи мувофиқашудаи Тарафҳо ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шаванд, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи меҳнат ва муносибатҳои иқтисодии дигари бевосита бо онҳо алоқаманд дар ҳолати мавҷуд будани мавқеи мувофиқашудаи Тарафҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шаванд.

7. Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ тавассути шартномаҳои коллективӣ Тарафҳо уҳдадор мешаванд, ки:

– мониторинги раванди бастани созишномаҳо дар сатҳи соҳавӣ, минтақавӣ, инчунин фаъолияти мақомоти шарикии иҷтимоиро амалӣ намоянд;

– ба рушди танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ тавассути шартномаҳои коллективӣ дар ташкилотҳо, новобаста аз шакли моликияти онҳо, мусоидат намоянд;

– ба рушди шарикии иҷтимоӣ дар муассисаҳои давлатӣ, корхонаҳои воҳиди давлатӣ, ширкатҳои давлатӣ ва ташкилотҳои давлатии дигар мусоидат намоянд;

– бо мақсади боло бурдани ҳавасмандии корфармоён барои иштирок дар низоми шарикии иҷтимоӣ, аз ҷумла ташаккули низоми ягонаи ассотсиатсияҳои корфармоён - иштирокдорони шарикии иҷтимоӣ, инчунин оид ба ташаккули механизми амалисозии меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои корфармоён» пешниҳодҳо омода кунанд;

– талаботу меъёрҳое, ки дар Барномаи амали иттифоқҳои касаба барои солҳои 2020-2027 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, риоя ва амалӣ намоянд;

– консепсияи ислоҳоти музди меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро амалӣ намоянд;

– ба тавсеаи созишномаҳои минтақавӣ, соҳавӣ ба ҳамаи корфармоён ва кормандон мусоидат намоянд.

8. Тарафҳо ба мувофиқа расиданд, ки:

– мониторинг ва корҳоро оид ба ҷиҳати омӯхтан ва паҳн намудани таҷрибаи комиссияҳои сетарафаи минтақавӣ оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ гузаронида, ба рушди низоми шарикии иҷтимоӣ ва институтҳои он дар сатҳи минтақавӣ ва соҳавӣ мусоидат намоянд ва тавсияҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии кори ин комиссияҳоро омода намоянд;



– меъёрҳо ва муқаррароти қонунгузории меҳнатро мутобиқи шароитҳои тағйирёбандаи иқтисоди муосир такмил диҳанд;

– ба ташкили комиссияҳои доимии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ дар ҳама сатҳҳои шарикии иҷтимоӣ мусоидат намоянд.

9. Тарафҳо уҳдадор мешаванд, ки:

– тамоми чораҳои аз онҳо вобастаро баҳри ҳалли баҳсҳои меҳнатии коллективӣ андешида, ба қонуншиканиҳо дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ муқовимат кунанд;

– фаъолияти санҷишию назоратиро, аз ҷумла дар асоси барҳам додани фаъолияти назоратии такрорӣ аз ҷониби мақомоти назоратӣ, дақиқ кардани рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои талаботи ҳатмӣ, ки риояи онҳо ҳангоми амалисозии назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат арзёбӣ карда мешавад, такмил диҳанд;

– дар ҳолатҳои зарурӣ тағйиру иловаҳоро ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субектҳои хоҷагидор» ворид намоянд;

– таҷрибаи ташкили арбитражҳои меҳнатиро дар назди комиссияҳои сетарафаи танзими муносибатҳои иҷтимою меҳнатӣ барои баррасӣ ва ҳалли баҳсҳои меҳнатии коллективӣ ҷамъбаст ва тавсеа диҳанд;

– низомномаи намунавӣ оид ба арбитражи меҳнат (оинномаи намунавии арбитражи меҳнатӣ)-ро таҳия намоянд;

– ба барномаҳои намунавии асосии таълимӣ фан (модул)-и «Танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ дар заминаи шарикии иҷтимоӣ» - ро дохил намоянд.

10. Тарафҳо риояи меъёрҳои қонунгузорӣ ва қоидаҳои байналмилалии умумиэътирофшударо вобаста ба дахолат накардан аз ҷониби якдигар ба фаъолияти иттифоқҳои касаба (иттиҳодияҳои онҳо) ва ассотсиатсияҳои корфармоён кафолат медиҳанд, ба таъсис ва фаъолияти ташкилотҳои иттифоқҳои касаба ва корфармоён дахолат намекунанд ва барои таъмини гузаронидани мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаққи узвияти иттифоқҳои касаба ҳамзамон бо пардохти музди меҳнат мусоидат мекунанд.

11. Тарафҳо доир ба ин масъалаҳо машварат менамоянд:

– ворид намудани тағйирот ба заминаҳои ҳуқуқии танзими шартномавию коллективии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, аз ҷумла дар асоси омӯхтани таҷрибаи ҷаҳонӣ ва дар ҳолати зарурӣ омода намудани пешниҳодоти дахлдор;

– тавсеаи созишномаҳо, хусусиятҳои танзими шартномавию коллективии муносибатҳои меҳнатӣ дар соҳаҳо, ташкилотҳои ширкатҳои хориҷие, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд ва дар субъектҳои соҳибкории хурд;

– муайянсозии сохтор ва мазмуни созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ, такмили механизми назорати иҷрои онҳо, инчунин дар ҳолати зарурӣ омода намудани тавсияҳо ва пешниҳодҳо ба қонунгузорӣ;

– таъмин намудани масъулияти Тарафҳо ҳангоми бастани шартномаҳои коллективӣ, созишномаҳо доир ба ҳалли баҳсҳои меҳнатии коллективӣ, инчунин дар ҳолати зарурӣ омода намудани пешниҳодҳо дар бораи ворид намудани тағйирот ба қонунгузорӣ;

– таъсиси арбитражҳои меҳнатӣ дар назди комиссияҳои сетарафа оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ;

– такмили таъмини ҳуқуқи кормандони мавсимӣ дар доираи созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ ва дар ҳолати зарурӣ омода намудани тавсияҳо.

12. Тарафҳо ба рушди муносибатҳо бо Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат мусоидат намуда, амалисозии Барномаи ҳамкорӣ байни шарикони сетарафаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ташкилоти Байналмилалии Меҳнатро оид ба меҳнати арзанда барои солҳои 2020-2024-ро таъмин мекунанд.

13. Тарафҳо уҳдадор мешаванд, ки ҳар сол ҷиҳати омода намудани гузоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба Бюрои Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат пешниҳод мегарданд, машваратҳо гузаронанд.

14. Тарафҳо уҳдадор мешаванд, ки оид ба таблиғи ҳадафҳо ва принсипҳои меҳнати арзанда дар доираи тавсияҳои Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат чорабиниҳоро амалӣ намоянд.

15. Тарафҳо уҳдадор мешаванд, ки оид ба омода кардани пешниҳодҳо барои тасдиқи имконпазири конвенсияҳои Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин баррасии масъалаҳои марбут ба тасдиқи онҳоро дар Комиссияи сетарафаи танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ машваратҳо гузаронанд.

16. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сифат ва сатҳи зиндагии аҳолиро мутобиқи нишондиҳандаҳо мунтазам назорат мекунад ва ҳар сол як маротиба ба Комиссия оид ба динамикаи нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоию иқтисодии назорати сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ иттилоъ медиҳад.

17. Мақомоти омор ба иттифоқҳои касаба ва ассотсиатсияҳои корфармоён маълумоти омориро, ки барои гузаронидани гуфтушунид зарур аст, дар ҳаҷм ва мӯҳлати зарурӣ ройгон пешниҳод мекунанд.

18. Бо мақсади инъикоси фаъолияти Комиссияи сетарафаи танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷараёни амалигардонии Созишномаи генералӣ, Тарафҳо мунтазам дар воситаҳои ахбори омма интишор намудани маводди марбут ба рушди шарикии иҷтимоӣ ва масъалаҳои муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин мекунанд.

19. Дар ҷаласаҳои комиссияҳои сетарафаи минтақавӣ дар шаш моҳ як маротиба маълумоти пешниҳоднамудаи Тарафҳо оид ба рафти иҷрои созишномаи минтақавии дахлдор баррасӣ мегардад.



20. Комиссияи сетарафаи танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол иҷрои муқаррароти Созишномаи генералиро баррасӣ мекунад.

21. Тарафҳо барои мусоидат ҷиҳати огоҳ намудани шаҳрвандон аз чорабиниҳои баргузорнамуда ба мувофиқа меоянд.

## 3. СИЁСАТИ ИҚТИСОДӢ

22. Тарафҳо ҷиҳати ноил гардидан ба рушди иқтисодӣ, таҳкими вазъи иқтисодӣ ва молиявии соҳаҳои он амалӣ намудани тадбирҳои зеринро зарур мешуморанд:

1) дар соҳаи буҷету андоз ва сиёсати нарх:

– чораандешӣ ҷиҳати истифодаи самаранок ва мақсадноки маблағҳои буҷетӣ ва пешгирии хароҷоти дуюмдараҷа дар сурати иҷро нагардидани нақшаи даромади буҷети давлатӣ, инчунин таҳкими ҳамкориҳо бо созмонҳои байналмилалии молиявӣ дар самти ҷалби бештари маблағҳо барои дастгирии буҷети давлатӣ;

– афзоиш додани маблағҳои фондҳои захиравӣ, ба монанди фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисодиёт;

2) дар соҳаи бехтаргардонии фаъолияти сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ:

– тақвият бахшидани корҳо оид ба пешниҳод намудани қарзҳои ипотекӣ бо фоизи дастрас ҷиҳати ҳавасмандгардонии пасандозгузорон ва паст намудани фоизи қарзҳои ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт, махсусан, ба соҳибкории истеҳсолӣ пешниҳодшаванда;

– мукаммалгардонии заминаи ҳуқуқии дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ, фароҳам овардани шароит барои дастрасӣ ва баромади субъектҳои соҳибкорӣ ба бозорҳои байналмилалии мол, кор ва хизматрасониҳо;

– рушди соҳибкории хурд дар деҳот ва ноҳияҳои кӯҳии ҷумҳурӣ дар асоси истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ ва коркарди маҷмуии маҳсулоти кишоварзӣ;

– ҷорӣ намудани низоми стандартҳои байналмилалии сифат дар корхонаҳои саноатӣ ҷиҳати беҳтар намудани сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда;

– сода намудани расмиёти сертификатсиякунонии молу маҳсулоти ҳатман сертификатсияшаванда;

– тафтиш (санҷиш)-и принсипҳо ва қоидаҳои шаҳрсозӣ (таҷдид ва сохтмони нав, манбаъҳои марказонидашуда ва мустақили хоҷагиҳои коммуналӣ, назорати риояи қоидаҳои бехатарӣ, аз нигоҳи истифодаи энергияи самаранок ва ба заминларза тобовар);

– беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ, махсусан, сармоягузории мустақим, таъмин намудани иҷрои кафолату имтиёзҳо ва чораҳои дастгирии давлатӣ, ҳавасмандгардонӣ ва қадрдонии соҳибкорон, инчунин рушди инфрасохтори сармоягузориву соҳибкорӣ;

– дастгирӣ намудани ташаббусҳои созандаи соҳибкорону сармоягузорон ва ҳал намудани масъалаҳои вобаста ба фаъолияти онҳо ва бартараф кардани мушкилоту монеаҳои ҷойдошта;

– ба таври васеъ истифода бурдани фаъолгардонии сармоягузорӣ дар шароити тағаввулоти босуръату пешгӯйинашавандаи иқтисоди ҷаҳонӣ, рақобатҳои шадид барои дастрасӣ ба захираҳо ва пайомадҳои тағйирёбии иқлим;

– васеъ ҷорӣ намудани механизми маблағгузории фондҳои махсус дар самти татбиқи «лоиҳаҳои сабз», аз ҷумла, барои роҳандозии барномаву лоиҳаҳои мақсадноки рушди «иқтисоди сабз» бо дарназардошти «энергияи сабз» дар кишвар;

– ҷалби «маблағгузории сабз» барои татбиқи лоиҳаҳо дар корхонаҳо ва соҳаи саноат ва инфрасохтори кишвар, хусусан, лоиҳаҳои дорои аҳаммияти экологӣ ва озуқаворӣ;

– таъсиси грантҳои президентӣ барои густариши фаъолнокии соҳибкории занону бонувон;

– таъмини иртиботи донишҳои касбӣ ва малакаи амалӣ (ташаккули стандартҳои таълимӣ ва касбӣ аз рӯйи ихтисосҳои гуногун бо ҷалби ташкилотҳо, пешбурди чораёни тахсилот бо истифода аз иқтидорҳои корхонаҳои азим, ташкили майдончаҳои истеҳсолию таълимӣ);

3) дар соҳаи ислоҳот ва суботи иқтисодиёти миллӣ:

– мусоидат дар анҷом додани кашфиёту ихтироот, ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии гузаронидани таҳқиқоти илмӣ ва техникаву технологияҳои муосир дар рушди минбаъдаи иқтисоди миллӣ;

– таҳия ва андешидани тадбирҳо оид ба дастгирии давлатии молистеҳсолкунандагони ватанӣ, такмил додани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ оид ба воридоти ашёи хом барои корхонаҳои ватанӣ;

– таҳия ва такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ ҷиҳати дастгирӣ ва муайянкунии афзалияти иштироки молистеҳсолкунандагони ватанӣ дар тендерҳо (фурӯш ва хариди мол, кор ва хизматрасонӣ);

– бартараф намудани сатҳи пасти худтаъминкунии озуқаворӣ, баланд бардоштани дараҷаи амнияти озуқаворӣ ва беҳтар кардани сифати маҳсулоти озуқа;

– баланд бардоштани самаранокии соҳаҳои коркарди маҳсулоти ватанӣ бо ҷалби технологияву таҷҳизоти муосир ва воситаҳои асосӣ;

– рушди низоми миллии воридотивазкунии интихобӣ, пеш аз ҳама, дар соҳаи комплекси агросаноатӣ (коркарди маҳсулоти меваю сабзавот ва зиёд кардани истеҳсоли он);

– беҳгардонии вазъи коркарди аввалияи ашёи хом дар соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ;

– бунёди корхонаҳои хурду миёнаи дӯзандагӣ, истеҳсоли қолинҳои дастбоф, масолеҳи сохтмонӣ, коркарди пашм, пӯст, пилла,



меваю сабзавот, аз ҷумла ангур барои истеҳсол намудани нӯшиданиҳои ташнашикан;

– ислоҳоти бахши кишоварзӣ тавассути ҷорӣ намудани усулҳои нави соҳа, ба монанди боғҳои интенсивӣ, суперинтенсивӣ ва обёрии қатрагӣ бо роҳи қабули Барномаи давлатӣ дар соҳаи ташкили боғҳои интенсивӣ, суперинтенсивӣ ва обёрии қатрагӣ дар заминҳои лалмӣ;

– афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо ва таҷдиду барқарорсозии иншооти обёрӣ, пешниҳод намудани лоиҳаи барномаи давлатии азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда барои давраи миёнамуҳлат;

– дарёфти захираҳои мавҷудаи канданиҳои фоиданок ва таъсис додани корхонаҳои истеҳсоли нуриҳои минералӣ дар кишвар;

– баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои замину об ва инсонӣ дар асоси беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ ва таъмини шуғли пурмаҳсул барои аҳолии деҳот;

– таҳияи лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барномаи вусъатдиҳии технологияҳои камарзиши сарфакунии об»;

– гузариш аз намуди зироати мономаданият ба гуногуннамудӣ ва гуногуннавъии биологии агрономӣ, ҷорӣ намудани зироатҳои имконпазир (ба хушкӣ ва касалиҳо тобовар);

– баланд бардоштани иқтидорҳои тавлиди неруи барқ ва зиёд намудани ҳаҷми содироти неруи барқ;

– бунёди неругоҳҳои ҳароратӣ ва истгоҳҳои офтобӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ (аз шабакаҳои барқӣ дар масофаи дур қарордошта) ва дар шимоли кишвар;

– таъсис додани низоми ягона ва мутамаркази биллингӣ, насби ҳисобкунакҳои зеҳнӣ ва ба ин восила то сатҳи 9 дарсад паст намудани талафот ва ҷамъоварии пурраи маблағи барқи истифодашуда, инчунин истифодаи самараноки захираҳои мавҷудаи соҳа;

– дурнамои рушди энергетикаи ҳидрогенӣ;

– дар се соли минбаъда барои бо шуғл таъмин намудани аҳолӣ бо мақсади таъсис додани 30 парки технологӣ ва минтақаи саноатӣ дар шаҳру ноҳияҳои дурдасти мамлакат;

– истихроҷу коркарди металлҳои ранга аз конҳои муайяншуда, аз ҷумла сурма, литий, волфрам, никел ва дигар металлҳо, барномаи азхудкунӣ ва дар дохили мамлакат то маҳсулоти ниҳоӣ коркард намудани онҳо;

– таҳия намудани стратегияи миллии рушди истеҳсолу коркарди пахта ва саноати нассоҷӣ бо мақсади истифодаи пурраи имкониятҳои кишвар дар самти рушди саноати сабук;

– дар се соли минбаъда бунёд кардану ба кор андохтани маҷмааҳои коркарди ниҳоии нахи пахта бо ҷалби сармоя ва татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ;

– таъмин намудани фаъолияти пурсамари корхонаҳои саноатии давлатӣ ва хусусии аз кор бозмонда ё нопурра фаъолияткунанда дар кишвар;

– таъсис додан ва ба кор андохтани корхонаҳои муосири истеҳсоли доруворӣ, коркарди васеи гиёҳҳои шифобахш ва аз лиҳози экологӣ тозаи ватанӣ ва минбаъд боз ҳам зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти доруворӣ бо ҷалби сармояи мустақим;

– истихроҷ намудан ва то маҳсулоти ниҳоии сохтмон коркард кардани сангҳои ороишӣ ва содироти онҳо ба хориҷи кишвар ва бунёди корхонаҳои гаҷсанг;

– риояи ҳатмии қоидаву меъёрҳои шаҳрсозӣ, истифодаи васеи унсурҳои меъмории милливу замонавӣ, технологияҳои муосир ва масолеҳи сифатноки сохтмон ҳангоми бунёди иншоотҳо;

– баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои соҳаи авиатсияи граждании ва таъмин намудани рақобатнокии он;

– рушди соҳаи алоқа, бахусус, таъмин намудани суръати баланди Интернет ва дастрас будани нархи он барои рушди иқтисоди рақамӣ, зеҳни сунъӣ, таъмин намудани амнияти иттилоотӣ, ҷалби сармоя ва ташкили паркҳои технологиву инноватсионӣ;

– беҳтар намудани сифати хизматрасониҳо, паст кардани арзиши хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва Интернет ва дастрас гардонидани Интернети баландсуръат дар тамоми минтақаҳои кишвар, аз ҷумла шаҳру ноҳияҳои дурдаст.

## 4. МУЗДИ МЕҲНАТ, ДАРОМАДҲО ВА САТҲИ ЗИНДАГИИ АҲОЛӢ

23. Тарафҳо дар давраи пешомада таҳия ва амалисозии тадбирҳоро, ки ҳуқуқи кормандон ба меҳнати арзанда, баланд бардоштани сатҳи музди меҳнати воқеӣ, такмили сиёсати даромад ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолиро таъмин менамояд, зарур мешуморанд. Бо ин мақсад, Тарафҳо уҳдадор мешаванд, ки:

– оид ба таҳияи пешниҳоди мувофиқашуда доир ба низоми музди меҳнати соҳавӣ (мувофиқсозии дастурамалҳо ва тартиби пардохти музди меҳнат) машваратҳо гузаронанд;

– доир ба таъминоти илмию методӣ ва методии ташкили меъёрбандии меҳнат ва омӯзонидани мутахассисон оид ба меъёрҳои меҳнат корҳоро ба сомон расонанд;

– тадбирҳои пешбининамудаи қонунгузории меҳнатро, ки ба пешгирии қарздорӣ аз музди меҳнат нигаронида шудаанд, амалӣ намуда,



ҷиҳати пардохти саривақтӣ ва пурраи музди меҳнат дар ташкилотҳои ҳамаи шакли моликият чораҳои иловагӣ андешанд;

– дар амалисозии чораҳо ва механизмҳои ҳифзи ҳуқуқҳои моддии кормандон дар ҳолати муфлисшавӣ (ғайриқобили пардохт будан)-и корхона, аз ҷумла дар асоси принсипҳои суғуртакунонӣ, захиракунии маблағҳои мутамарказ ё ғайримутамарказ, аз қабили ташкили фондҳои захиравии музди меҳнат мусоидат намоянд;

– фаъолияти марбут ба пардохти қарзи музди меҳнат, пардохти рухсатиҳо, пардохтҳо ҳангоми аз кор озод шудан ва пардохтҳои дигар, ки ба корманд тааллуқ доранд, ҳамоҳанг сохта, аз ҷумла ҷалби иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои соҳавии корфармоёнро барои иштирок дар ҷаласаҳои комиссияҳои сетарафа оид ба қарздории музди меҳнат ҷалб намоянд;

– ҷиҳати пешгирии нобаробарии андозаи музди меҳнати кормандон - шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳрвандони хориҷӣ, ки дар корхонаҳои муштарак ва хориҷии ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд, чораҳои қатъӣ андешанд;

– бо мақсади фарогирӣ ба суғуртакунонии иҷтимоӣ, ҷиҳати ба танзим даровардани сатҳи музди меҳнат ва даромадҳои кормандони соҳаи кишоварзӣ (ҷадвали тарифӣ) ва соҳибкорони инфиродӣ, ки тибқи патент фаъолият доранд, чорабиниҳо гузаронанд;

– имтиёзҳо ва афзалиятҳои иловагиро ба ташкилотҳо, корфармоён (моликон), ки ҷойҳои кории иловагӣ ташкил карда, аз меҳнати маъюбон, занон, ҷавонон, аз ҷумла наврасон, истифода менамоянд, муқаррар созанд;

– ҳаҷми иловапулиҳои хусусияти ҷубронидошта, ки андозаи ҳадди ақалли онҳоро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, зиёд намоянд.

## 5. РУШДИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ВА ШУҒЛИ ПУРМАҲСУЛ

24. Тарафҳо бо мақсади рушди бозори меҳнат ва тавсеаи шуғли пурмаҳсул амалӣ намудани тадбирҳои зеринро ҳатмӣ мешуморанд:

– мунтазам гузарондани таҳқиқоти навбатии қувваҳои корӣ дар асоси методологияи Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат;

– таъсиси ҳарчи бештари ҷойҳои кории доимии пурмаҳсул;

– таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» дар таҳрири нав;

– пешгирии нобаробариҳои хусусияти гендеридошта дар бахши шуғлнокӣ ва барҳам додани зиёдшавии истифодаи меҳнати кӯдакон;

– ҷорӣ намудани ҳисоботдиҳии фаврӣ оид ба баҳодиҳии вазъи бозори меҳнат (ҳар семоҳа бо инъикоси равандҳои таъсис ва барҳамдиҳии ҷойҳои корӣ);

– гузарондани пурсиши корфармоён оид ба муайян намудани талаботи ҷорӣ ва дурнамои корфармоён ба кадрҳои коргарӣ;

– амалисозии асосҳои қонунгузории бо шуғл фаро гирифтани шаҳрвандони бекор, ки дар бозори меҳнат имкони рақобати баробарро надоранд ва аз ҷониби давлат ба онҳо кафолатҳои иловагии шуғл дода шудаанд;

– такмили низоми баҳисобгирии омории қувваи корӣ дар соҳаи кишоварзӣ;

– такмили асосҳои моддӣ ва методии шабакаи васеи муассисаҳои таълими калонсолон баҳри ба талаботи бозори меҳнати умумиҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ мутобиқ гардондани шахсони корҷӯ;

– тибқи талаботи бозори меҳнати дохилӣ ба роҳ мондани низоми касбомӯзӣ, бозомӯзии калонсолон ва муҳоҷирони меҳнатӣ;

– гузарондани омӯзиш ҷиҳати муайян намудани зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар, ки ба пешгирӣ ва аз байн бурдани шуғли бақайдгирифтанашуда (ғайрирасмӣ), мусоидат ба расмикунонӣ ва тақвияти чораҳо оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандон равона карда шудаанд;

– андешидани тадбирҳо ҷиҳати аз байн бурдани иқтисодиёти пинҳонӣ ва кам кардани ҳаҷми шуғли бақайдгирифтанашуда;

– таъмини худмашғул гардонидани аҳолӣ бо роҳи истифодаи тамоми имкониятҳо дар бобати ба касбу ҳунаромӯзӣ ҷалб кардани шаҳрвандони аз 18-сола боло, ки касбу ҳунар надоранд;

– мусоидат ба таъсиси ҷойҳои кории нави пурмаҳсул ва тавсеаи шуғли пурмаҳсул;

– дастгирии рушди соҳибкории хурд, ташаббуси ҷавонон, занон ва аҳолии дар бозори меҳнат осебпазир барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ (стартапҳо) тавассути пешниҳод намудани қарзҳои имтиёзнок;

– мусоидат ба шуғли қисми осебпазири аҳолӣ дар бозори меҳнат, аз ҷумла маъюбон тавассути сафарбар намудани онҳо ба омӯзиши васеи шуғли фосилавӣ;

– таъмини амалисозии афзалиятҳои муайяншуда дар Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 ва Барномаи миёнамуҳлати шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027;

– мусоидат намудан дар таъмини ҷавонон ва занон бо ҷойи корӣ аз ҳисоби ҷойҳои кории холии мавҷуда, расонидани хизмати роҳнамоии касбӣ ва маслиҳатию машваратӣ, сафарбар намудани онҳо ба курсҳои кутоҳмуҳлати тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ мувофиқи касбу ихтисосҳои ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнати дохил ва хориҷи кишвар;

– бо ҷойи кор, шуғли муваққатӣ таъмин намудани муҳоҷирони меҳнатии баватанбаргашта тавассути таъсисёбии ҷойҳои корӣ дар



соҳаҳои иқтисодиёти кишвар, аз ҷумла тайёрии касбӣ ва ҷудо намудани қарзи имтиёзнок ба онҳо барои машғул шудан ба соҳибкории инфиродӣ.

## 6. ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ, КАФОЛАТҲО ВА СУҒУРТАИ ИҶТИМОӢ

25. Тарафҳо бо мақсади рушди соҳаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ ва суғуртаи иҷтимоии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намудани тадбирҳои зеринро зарур мешуморанд:

– таҳкимбахшии ҳамкории мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолии шаҳру ноҳияҳо бо мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар самти баҳисобгирии аъзои корношоями оилаҳои камбизоат, ҷалби онҳо ба шуғлмандӣ тавассути барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ;

– таъмини дастрасии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, ки бори аввал хонаи истиқоматӣ месозанд, бо қарзҳои бефоиз ё имтиёзнок аз ҳисоби маблағҳои ғайрибуҷетӣ ё ташкилотҳои қарздиҳанда;

– таҷдиди назар намудани механизмҳои хизматрасонии коммуналии имтиёзнок барои омӯзгорон;

– бозбинӣ намудани меъёрҳои мавҷудаи маблағҳои сафари хизматии кормандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутобиқ намудани онҳо ба нархҳои ҷадид;

– омӯзиш ва омода намудани пешниҳод ҷиҳати ҷорӣ намудани имтиёзҳо ва кафолатҳои иҷтимоии давлатӣ ба кормандони тиб, ки бо беморони сироятии хавфнок (бемории короновирус, илтиҳоби шуш ва ғайра) дар тамос буда, сироят ёфтаанд, фавтиданд ё маъюб шудаанд;

– андешидани чораҳо ҷиҳати дастгирии кӯдакони дорои бемории диабети қанд ва кӯдакони маъюб, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа пардохт намудани арзиши роҳхатҳо ба истироҳатгоҳҳои кӯдакона дар ҳолате, ки онҳо ба суғуртаи иҷтимоӣ фаро гирифта шуда бошанд;

– андешидани чораҳои амалӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии низоми суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ва таъминоти нафақа дар асоси принсипҳои суғуртавӣ.

## 7. ҲИФЗИ МЕҲНАТ, БЕХАТАРИИ САНОАТ ВА ЭКОЛОГӢ

26. Бо мақсади таъмин намудани ҳифзи меҳнат, бехатарии саноат ва экологӣ Тарафҳо амалӣ кардани чорабиниҳои зеринро зарур мешуморанд:

1) таҳия ва амалигардонии «Барномаи ҳифзи меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

2) омӯзиши зарурати ҳамроҳшавӣ ба конвенсияҳои Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат:

– Конвенсияи №187 «Дар бораи асосҳое, ки ба бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат мусоидат мекунанд»;

– Конвенсияи №189 «Дар бораи кори муносиб барои кормандони хонагӣ»;

– Конвенсияи №183 «Дар бораи ҳифзи модар»;

– Конвенсияи № 129 «Дар бораи назорати меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ»;

3) таҳия намудани рӯйхати истеҳсолот, намуди кор ва ҷойҳои кории зарарнок ва вазнин, ки ба таъини нафақаи касбӣ ҳуқуқ медиҳанд.

27. Ҳамзамон Тарафҳо таъмини бехатарии ҳаёт ва саломатии кормандон дар ҷараёни корро яке аз афзалиятҳои миллӣ барои ҳифзи сармояи инсонӣ мешуморанд ва ин вазифаро бо ҳалли вазифаҳои беҳтар намудани шароити меҳнат ва ҳифзи меҳнат тавассути таъмини самаранокии механизмҳои пешгирии ҷароҳатҳои ҷисмонӣ ва бемориҳои касбӣ, беҳбуди саломатии кормандон, аз ҷумла дар доираи идоракунии хавфҳои касбӣ, ҳавасмандгардонии корфармо барои иваз намудани ҷойҳои корӣ бо шароити зарарноки меҳнат тавассути такмили танзими ҳуқуқӣ, мутобиқсозӣ ба стандартҳои байналмилалӣ дар ин соҳа, ӯҳдадориҳои зеринро иҷро менамоянд:

– дида баромадани меъёру қоидаҳои мавҷуда дар соҳаи муҳофизати меҳнат бо дар назар доштани дараҷаи ҳозираи тараққиёти технологӣ;

– такмили қонунгузорӣ бо мақсади ба низом даровардан, кам кардани талаботҳои ҳатмӣ ва навсозӣ, бекор кардани меъёру қоидаҳои кӯҳна дар соҳаи ҳифзи меҳнат;

– бо мақсади иҷрои талаботи моддаи 348 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тибқи шартномаҳои коллективӣ аз ҳисоби корхона дар ҳаҷми муайянгардида ҷудо намудани маблағҳои зарурӣ барои ҳифзи меҳнат;

– мусоидат намудан ба инкишоф ва такмили самаранокии механизмҳои қонунгузорӣ ва иқтисодии ҳавасмандгардонии корфармо ба беҳтар намудани шароити меҳнат, пешгирии ҷароҳати ҷисмонӣ ва бемориҳои касбӣ;

– такмили низом ва усулҳои гузаронидани муоинаи пешакӣ ва даврии тиббӣ (муоинаи тиббӣ), муоинаи равонии кормандоне, ки дар корҳои дорои шароити меҳнати зарарнок ва (ё) хатарнок кор мекунанд;

– такмил додани низоми таъмини бехатарии саноатӣ ва экологӣ, муҳайё намудани муҳити бехавф, аз ҷиҳати экологӣ тоза, истифодаи мутаносиби захираҳои табиӣ ва таъмини шароити мусоиди ҳаёт.

28. Гузарондани машваратҳо:

– дар робита ба зарурати ташкили маркази ягонаи ҷумҳуриявӣ, ки баҳисобгирии ҳодисаҳои нохуши истеҳсолӣ ва муносибати ягонаро ба таҳлили ҷароҳатҳои истеҳсолӣ ташкил медиҳад, баррасӣ менамоянд;



– масъалаи такмил додани системаи таъмини бехатарии саноатӣ ва экологӣ, муҳити бехавф, аз ҷиҳати экологӣ тоза, истифодаи мутаносиби захираҳои табииро дида мебароянд;

– ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми апрели соли 2017, №179 «Дар бораи рӯйхати корҳое, ки дар онҳо истифодаи меҳнати занон манъ карда мешавад ва ҳадди ниҳоии меъёри борҳое, ки барои занон дасти бардоштан ва кашонидани онҳо иҷозат дода мешавад» тағйиру иловаҳо ворид карда мешаванд;

– риояи сиёсати миллиро, ки ба самаранок барҳам додани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон нигаронида шудаанд, таъмин ва мусоидат мекунанд.

## 8. РУШДИ САЙЁҲӢ ВА ҲУНАРМАНДӢ

29. Тарафҳо бо мақсади рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намудани тадбирҳои зеринро зарур мешуморанд:

– мукаммал намудани заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои омори соҳаи сайёҳӣ;

– таъсис ва рушди кластерҳои сайёҳӣ (маҷмуи минтақаҳои алоҳидаи сайёҳию рекреатсионии иқтисодӣ), таъмини инноватсионию сармоягузории рушди соҳаи сайёҳӣ;

– ҷалби сармояи хориҷиву дохилӣ ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ, самаранок ва бо сифати баланд амали намудани лоиҳаҳои сармоягузории соҳа;

– андешидани чораҳо барои ҳавасмандгардонии рушди соҳаи сайёҳӣ, истироҳатгоҳҳо ва санаторияҳои ҷумҳурӣ;

– зиёд кардани номгӯйи хизматрасониҳои сайёҳӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳо дар соҳа, роҳандозии васеи сайёҳии табобатӣ, экологӣ ва кӯҳнавардӣ;

– идома додани бунёди инфрасохтори сайёҳии ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯй;

– баланд бардоштани мавқеи байналмилалии кишвар, ташаккули бренди миллии фарогири имкониятҳои сайёҳӣ ва муаррифии он дар арсаи ҷаҳонӣ;

– муаррифии мавзеъҳои нодири сайёҳӣ, ҳифз, инкишоф ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, ҳайвоноту наботот ва мероси таърихиву фарҳангӣ;

– такмил ва тақвияти заминаи ҳуқуқии соҳаи ҳунармандӣ ва таҳияи механизми амалисозии он, рушди инфрасохтори соҳа аз сатҳи ҷумҳуриявӣ то сатҳи маҳаллӣ;

– омода ва пешниҳод намудани лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъсис додани гранти Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии ҳунармандон ва рушди ҳунармандӣ барои солҳои 2024-2026;

– ба роҳ мондани омори бақайдгирии ҳунармандон ва истеҳсоли маҳсулоти ҳунармандӣ;

– амалисозии пурраи имтиёзҳои андозӣ ва гумрукии соҳаи ҳунармандӣ ва васеъ намудани дастрасӣ ба маблағҳои молиявии камарзиш (қарзҳои имтиёзнок) барои ҳунармандон;

– гузарондани тадқиқот ҷиҳати муайянсозии тамоюли рушди ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзёбии раванди ташаккули бозори фурӯши маҳсулоти аз ҷониби ҳунармандон истеҳсолшуда ва эҳёи ҳунарҳо.

## 9. МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ

30. Бо мақсади таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ Тарафҳо амалӣ намудани чорабиниҳои зеринро зарур мешуморанд:

– амали намудани Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 ва нақшаи амали он барои солҳои 2023-2025;

– гузарондани тадқиқот оид ба қонунигардонии намудҳои дигари муҳоҷират, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди амал қарор доранд;

– гузарондани тадқиқот доир ба муайян намудани мавзеъҳое, ки муҳоҷирони дохилӣ ва экологӣ ба он ҷойҳо кучонида мешаванд ва пешниҳоди таклиф ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таъсиси низоми худкорӣ баҳисобгирии муҳоҷирати аҳолӣ;

– рушди ҳамкорӣ бо дигар давлатҳо ва дар навбати аввал бо давлатҳои кабулкунандаи муҳоҷирон аз Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таъмини кафолатҳои давлатӣ оид ба амалисозии лоиҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иштироки муҳоҷирон дар рушди соҳибкории хурду миёна;

– муоинаи ҳатмии тиббии муҳоҷирон пеш аз сафар ба хориҷа ва баъди бозгашт ба ватан;

– амалисозии чорабиниҳо оид ба ошкор намудани роҳҳои муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва савдои одамон;

– такмили низоми муташаккилона ва танзимшавандаи муҳоҷирати меҳнатӣ, таъмини фарогирии равандҳои он ба сохтори расмӣ ва идорашаванда;

– тақвияти ҳамкориҳои самараноки байниидоравӣ ва ба роҳ мондани диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатӣ;

– таъмини риоя ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ ҳангоми таҳия ва амалисозии тадбирҳои муҳоҷират;

– таъминоти иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ, бахусус, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии



Тоҷикистон дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ;

– танзим ва ҳифзи бозори меҳнати кишвар, андешидани чораҳо оид ба таъсиси ҷойҳои кории нав бо мақсади паст намудани шиддати муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа;

– таъмини имкониятҳои баробар ба муҳоҷирони меҳнатӣ барои касбомӯзӣ ва омодагии пеш аз сафар, инчунин мусоидат барои бо кор таъминшавии онҳо дар кишвар ва хориҷи он;

– тақвияти ҳамоҳангсозии фаъолияти вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба кӯчонидани муҳоҷирони дохилӣ ва экологӣ аз минтақаҳои камзамин, сераҳолӣ ва хавфноки ҷумҳурӣ ба мавзеъҳои дорои заминҳои бекорхобида ва мавзеъҳои бехавфи ҷумҳурӣ бо мақсади тақсимоти самараноки қувваҳои корӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ, истифодаи бештари захираҳои табиӣ, таъмини аҳолӣ бо манзил ва шуғл;

– назорати ҷамъиятии риояи талаботи Созишномаҳои байниҳукуматӣ бо кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатӣ.

## 10. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

31. Созишномаи генералӣ аз лаҳзаи ба имзо расидан аз ҷониби Тарафҳо эътибор пайдо намуда, то имзои Созишномаи генералии нав амал мекунад. Дар давраи амали Созишномаи генералӣ бо розигии мутақобилаи Тарафҳо ба он метавонанд тағйиру иловаҳо дохил намоянд. Тағйиру иловаҳои воридгардида қисми ҷудонашавандаи Созишномаи генералӣ ба шумор мераванд.

32. Ҳар яке аз Тарафҳо барои амалигардонии Созишномаи генералӣ дар доираи ваколатҳои худ масъулият дорад.

33. Баъд аз ба имзорасонии Созишномаи генералӣ дар давоми як моҳ Тарафҳо нақшаи чорабиниҳоро оид ба амалисозии Созишномаи генералӣ тибқи тартиби муқarrаргардида таҳия ва мувофиқа намуда, барои тасдиқ ба раиси Комиссияи сетарафаи танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд.

34. Тарафҳо ба Комиссияи сетарафаи танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷараёни иҷрои чорабиниҳо оид ба амалисозии Созишномаи генералӣ маълумот медиҳанд. Комиссияи сетарафаи танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёни иҷрои Созишномаи генералиро назорат карда, дар ҳалли ихтилофот, ки дар раванди иҷрои Созишноми генералӣ ба амал меояд, ширкат меварзанд.

35. Созишномаи генералӣ нисбати ҳамаи корфармоён (иттиҳодияҳои онҳо), иттифоқҳои касаба (иттиҳодияҳои онҳо), кормандон, донишҷӯён ва хонандагони муассисаҳои маорифи Ҷумҳурии

Тоҷикистон, ки гирифтани таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбиро таъмин мекунанд, амал мекунад.

36. Созишномаи генералӣ, ҳамчун қисми таркибии раванди шартномавию коллективӣ дар низоми шарикии иҷтимоӣ, барои таҳия ва бастани созишномаҳои соҳавӣ ва минтақавӣ асос мебошад.

37. Ҷаласаҳои Комиссияи сетарафаи танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд тариқи воситаҳои ахбори омма ва телевизион инъикос карда шаванд.

38. Бо супориши Тарафҳо Созишномаи генералии мазкурро имзо намуданд аз ҷониби:

Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:
Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон

Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон:
Раиси Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон

Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон:
Раиси Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон



Приложение
к постановлению Правительства
Республики Таджикистан
от «30» декабря 2023 года, №591

Генеральное соглашение
между Правительством Республики Таджикистан, Федерацией независимых профсоюзов Таджикистана и Объединением работодателей Республики Таджикистан на 2024 - 2026 годы

## 1. ОБЩИЕ ПОЛОЖЕНИЯ

